«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров»,
профессор Усмонзода А.И.
_______________________
«20» 06 2024 с.

# ХУЛОСАИ

## кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03– таърихи фалсафа дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода шудааст.

Унвонҷӯ Ҷабборова В.Ҳ. аз соли 2013 инҷониб дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ба ҳайси лаборант кор карда, аз соли 2018 то имрӯз дар вазифаи омӯзгор, унвонҷӯ фаъолият дорад.

Мавзуи рисолаи номзадии Ҷабборова В.Ҳ. дар мавзӯи «Фалсафаи ахлоқи Ҷаллодини Давонӣ», дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ санаи 29.10.2020, протоколи №3 тасдиқ карда шудааст. Дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ санаи 29.10.2023, протоколи №3 мавзуи рисолаи номзадӣ аз «Фалсафаи ахлоқи Ҷаллодини Давонӣ» ба «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» иваз карда шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба унвонҷӯ Ҷабборова Вазира Ҳасановна 5 апрели соли 2024, №51 маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои фалсафа, профессор Атоев Атоулло Мухторович мебошад.

Кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» хулосаи зеринро қабул кард:

Рисолаи Ҷабборова В.Ҳ. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона ичро гардида, фарогири натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Муаллиф тавонистааст ба таври кофӣ муҳимияти онро барои илм ва ҷомеаи муосир асоснок ва исбот намояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки «руй овардан ба омӯзиш ва таҳлили интиқодии назариёти фалсафии мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс ва муайян намудани арзиш ва аҳамияти онҳо барои муҳити фарҳангии ҷомеаи муосир, дар давроне, ки бӯҳрони саросарии фарҳангиву ахлоқӣ дар кулли олам эҳсос мегардад, аз муҳиму зарурӣ будани масъалаи мавриди назар, дарак медиҳад. Зеро, афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии Аҳмади Дониш дар бораи пайдоиши ҷамъият, нақши инсон дар ҷомеа, пайдоиши оила ва вазифаҳои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, риояи рукнҳои фарҳанги оиладорӣ, масъалаи тарбияи инсони комил ва раҳоии фард аз шуури тақлидии динӣ, усулҳои ҷоридошти адолат ва танзими баробарии иҷтимоӣ, тарзҳои идоракунии давлат ва муносибати ҳукуматдорон ба раият, танқиди ҳукуматдорони золим, фаъолияти ҳирсҷӯёнаи рӯҳониёни мутаассиб ва дигар масоили ба ҳаёти инсонӣ ва ҷомеа зарур, инъикоси худро ёфтаанд.

Бинобар ин, дар фазои фарҳангии замони муосир, ки аз як ҷониб раванди бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ ва аз ҷониби дигар масоили ахлоқӣ ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ гардида, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯйӣ ташаккул ёфта, мавқеи инсондӯстӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, адолату таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили маркази ахлоқ ва инсонсоз заиф мегардад ва дар шароите, ки арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардидааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс мубраму арзишманд мебошад».

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ, дар сатҳи зарурӣ коркард гардида, тариқи методологияи дурусти илмӣ муваффақияту комёбии муҳаққиқони дигар нишон дода шуда, паҳлӯҳои норавшан ва камтаҳқиқгардидаи он ошкор карда шудааст. Ҳамзамон, робитаи мавзуи мавриди таҳқиқ бо нақша ва барномаҳои илмӣ муайян гардида, мувофиқати пурраи он бо ихтисос собит карда шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ мушаххас ва масъалаҳои асосии гузошташуда дар диссертатсия коркард ва натиҷаҳои мантиқан дурусти асоснок пешниҳод шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертант бори аввал ҷойгоҳи фалсафаи амалиро дар таълимоти Аҳмади Дониш ба сифати объекти таҳқиқот қарор дод. Масъалаҳои алоҳидаи навгонии таҳқиқотро ба таври зайл метавон пешниҳод кард:

- шарҳи ҳол ва тавзеҳи мазмуну моҳияти осори фалсафии Аҳмади Дониш ба таври мухтасар равшан карда шуд;

- сарчашмаҳои ғоявии ташаккулёбии ақидаҳои фалсафии маорифпарвар ба таври дақиқ мушаххас карда шуданд;

- таснифоти илмҳо дар таълимоти Аҳмади Дониш таҳлил карда шуда, ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми донишҳои илмӣ муайян гардонида шуд;

- мақоми илми ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш мавриди таҳлил, муқоиса ва баррасии амиқ қарор дода шуд;

- фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои он аз назари Аҳмади Дониш мушаххас карда шуданд;

- сиёсати мудун ё худ низоми идоракунии ҷомеа ҳамчун ҷузъи таркибии фалсафаи амалии Аҳмади Дониш таҳлилу баррасӣ карда шуд.

Асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва истифода аз усулҳои герменевтикӣ ва умумифалсафӣ ташкил медиҳад. Бо истифода аз усулҳои зикргардида унвонҷӯ тавонистааст, ки вазифаҳои муайяннамудаи худро иҷро ва ҳамоҳангии мантиқиро бо объект, предмет ва мақсади таҳқиқот таъмин намояд. Ҳамин аст, ки дар диссертатсия навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мавзуи диссертатсия ва объекту предмет комилан мувофиқат менамоянд.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян кардани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Пешниҳоди муаллифи рисолаи илмӣ Ҷабборова В.Ҳ. дар мавриди он, ки хулосаю натиҷаҳои кори илмии пешниҳодшударо метавон барои масъулин ва кормандони соҳаҳои маориф ва фарҳанг, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар ниҳодҳои давлатӣ ҷиҳати ба танзим даровардан ва назорат кардани риояи меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби шаҳрвандон, дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия, иҷрои вазифаю уҳдадориҳои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, ба роҳ мондани ҳамкории тарафайни ҷомеа, оила, мактаб, иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби роҳбарон, масъулини ниҳоду мақомотҳои гуногуни давлатӣ, ба хотири риоя доштани баробарии иҷтимоӣ ва таъмини адолат, амнияту суботи ҷомеа ва ғайра аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд.

Ҳамзамон, хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада ҳангоми бурдани корҳои тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд гардонидани худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, пешгирӣ аз хурофот ва таассуботи динӣ ва рушди тафаккури эҷодӣ низ муфид ва самаровар ҳастанд.

Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кори илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, таҳлили комплексии фалсафаи амалии Аҳмади Донишро дар доираи соҳаи таърихи фалсафа ва арзиши онро барои ҷомеаи муосир нишон диҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот бо ҳадаф ва вазифаҳои он, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот ҷамъоварӣ ва коркард карда шуданд, эътимоднокии сарчашмаҳои истифодашуда, бо тасдиқи муқарраროти илмии пешниҳодкардаи довталаб, ки дар диссертатсия мавҷуданд, тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот кори илмии мустақилона иҷрошуда мебошад. Довталаб ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро мустақилона ва низомнок муайян намуда, маҷмуи усулҳои таҳлили маводро моҳирона истифода мебарад. Дар асоси такя намудан ба осори фалсафии Аҳмади Дониш ва корҳои таҳқиқотии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои маорифпарвар бахшида шудаанд, ҷойгоҳи фалсафаи амалиро дар таълимоти мутафаккир муайян мекунад. Натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо, нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Инчунин, маводи интишоркардаи диссертант, маърузаву гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ салоҳияти касбии ӯро доир ба масъалаи баррасишаванда тасдиқ менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи ,Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, инчунин баромад дар конференсияҳои сатҳи гуногун ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд:

I.**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Ҷабборова В.Ҳ. Заминаҳои гносеологии масъалаҳои ахлоқ дар таълимоти Аҳмади Дониш // [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ. Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - №4 2023, С. 108-115.

[2-М] Ҷабборова В.Ҳ. Масъалаи оиладорӣ ва танзими муносибатҳои он аз назари Аҳмади Дониш // [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - №2 2024, С. 102-107.

[3-М] Ҷабборова В.Ҳ. Масъалаи таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа дар фалсафаи амалии Аҳмади Дониш // [Матн] / Атоев А.М., Ҷабборова В.Ҳ. Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ - №4 (273) 2023, С. 48-54.

II. **Мақолаҳои илмие, ки дар конфиренсияи илмию амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд:**

[4-М] Джабборова В.Х. Вопросы происхождения и сущности человека в структуре онтологических и гносеологических воззрений // [Матн] / Джабборова В.Х., Корихонов С. / Материалы научно-практического семинара на тему: “Современная таджикская философия: проблемы, преспективы и пути развития”, ТНУ Душанбе-2021. 0,4 ҷ.ч.

[5-М] Джабборова В.Х. Онтологические предпосылки учения Ар-Рази о человеке. // [Матн] / Джабборова В.Х., Джураева Н. / Материалы научно-практического семинара на тему: “Современная таджикская философия: проблемы, преспективы и пути развития”, ТНУ Душанбе-2021. 0,4 ҷ.ч.

[6-М] Жабборова В.Ҳ. Бобожон Ғафуров асарларида Марказий Осиё фалсафаси тарихи инъикоси // [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ., Бегматова М.А. /

Международная научно-практическая конференция «Роль университетов в достижении целей устойчивого развития», Ташкент-2023. 0,7 ҷ.ч.
[7-М] Ҷабборова В.Ҳ. Истиқлоли миллӣ ва истиқлолӣ фикрӣ // [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ., Халилова З.Қ. / Маводи анҷумани илмӣ- амалии байналмиллалии "Хонишҳои 5- уми Артуч" бахшида ба "Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ- гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир", 4- 6 июли соли 2023 дар ДОТ дар ш. Панҷакент. 0,6 ҷ.ч.
[8-М] Ҷабборова В.Ҳ. Сарвари маорифпарвар // [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ., Қурбонова М.У. / Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалӣ "Хонишҳои Сеюми Артуч", ДОТ дар шаҳри Панҷакент, Панҷакент-2021. 0,4 ҷ.ч. Қурбонова М.У.
[9-М] Ҷабборова В.Ҳ. Тарбияи ҷавонон дар руҳияи ҳифзи мероси ниёгон// [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ., Ҳакимова З.А. / Маҷмӯи мақолаҳои ҳайати профессорору омӯзгорони факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Нақши Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ", Хуҷанд-2023. 0,4 ҷ.ч.
[10-М] Ҷабборова В.Ҳ. Ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ – омили солимии оила// [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ. / Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалӣ "Хонишҳои Сеюми Артуч", ДОТ дар шаҳри Панҷакент, Панҷакент-2021. 0,3 ҷ.ч.
[11-М] Ҷабборова В.Ҳ.Замон одилтарин ва оқилтарин довар аст// [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ. / Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалӣ "Хонишҳои Чоруми Артуч", ДОТ дар шаҳри Панҷакент, Панҷакент-2022. 0,4 ҷ.ч.
[12-М] Ҷабборова В.Ҳ.Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш// [Матн] / Ҷабборова В.Ҳ. / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ "Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо", ДМТ, Душанбе-2024. 0,4 ҷ.ч.

Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа барои муҳокима ва баррасӣ (даври дуюми ташхис) ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» 18 июни соли 2024 қабул карда шуд.

Дар маҷлис 24 нафар иштирок карданд, аз ҷумла ду нафар узви Шурои диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Назариев Р.З. ва д.и.ф., профессор Зиёев И.Ғ.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 24 нафар; зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №11 аз 18.06.2024.

**Раисикунандаи маҷлис,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент,**
**мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа** **Ҳасанова З.А.**

**Котиби маҷлис, н.и.ф, муаллимаи калони**
**кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа** **Ҳотамова М.Ғ.**

**Имзои Ҳасанова З.А. ва Ҳотамова М.Ғ.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Ҳусейнова З.С.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Телефон: +992(3422)6-52-73
Сомона: http://hgu.tj
E-mail: rector@ hgu.tj